**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**РАЁСАТИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА БАЪДИДИПЛОМӢ**

**734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 13а, 221-46-05**
**факс: 221-70-41; E-mail: mort@maorif.tj**; сайт: edu-maorif.tj

31.01.2023, №3

Ба роҳбарони муассисаҳои
таҳсилоти олии касбӣ

Раёсат тибқи талаботи қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҷамбасти фаъолияти Вазорати маориф ва илм дар семоҳаи якуми соли 2022» лоиҳаи Низомномаи шурои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таҳрири нав таҳия карда, ба Шумо ҷиҳати баррасӣ ва пешниҳод ирсол менамояд.

Бояд қайд кард, ки мазмуну мундариҷаи Низомномаи амалкунандаи шурои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 2006 таҳия ва тасдиқ гардидааст, ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ нест.

Лоиҳаи нави Низомнома пурра такмил дода шуда, аз 11 боб ва 83 банд иборат мебошад ва тамоми паҳлуҳои фаъолияти шурои олимонро дар бар мегирад.

Бинобар ин, аз Шумо хоҳиш менамоем, ки матни Низомномаро ба таври ҳаматарафа омӯхта, пешниҳод ва иловаҳои худро то 7 феврали соли 2023 тавассути почтаи электронии alijon-shonazar@mail.ru пешниҳод намоед.

Низомнома дар ҳаҷми 13 саҳифа замима мегардад.

Сардори раёсат Н. Мирзозода